# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Эҷодиёти шоирони халқӣ як бахши муҳимми эҷодиёти шифоҳии мардум мебошад. Ин гурӯҳи адибон, ки аксаран, аз байни мардуми оддӣ мебароянд, дар ашъору осори худ орзую омоли халқи меҳнаткашро тараннум менамоянд. Дар фолклор ва адабиёти тоҷик чунин хидматро С.Вализода, Б.Худойдодзода, Ю.Вафо ва дигарон анҷом дода, дар инкишофи шеъру адаби омиёнаи халқи тоҷик саҳми худро гузоштаанд. Яке аз шоирони мардумии тоҷик, ки дар қарни XX зиндагӣ ва эҷод кардааст, Саид Холзода мебошад. Тибқи ишораҳои муҳаққиқ ва адибони муосираш Саид Холзода аз шоирони фаъоли мардумии замонаш будааст. Ин нуктаро шоири маъруфи тоҷик А.Деҳотӣ борҳо зикр карда, ба ашъори Саид Холзода баҳои сазовор медиҳад. Бо вуҷуди ин, аҳволу осори ин шоир то имрӯз дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Муҳимтарин иқдоми илмӣ, ин таҳияи “Куллиёти ашъор”-и Саид Холзода мебошад, ки он соли 2013 ба нашр расид ва ба ин васила эҷодиёти шоир дар сатҳи шоиста ба аҳли таҳқиқ ва дорои васеи алоқамандон муаррифӣ гардид.

Таҳқиқоти Н. Самиева дар шинохти аҳволу осори Саид Холзода ва поэтикаи ашъори ӯ иқдоми нахустин мебошад. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант дар таҳқиқи рӯзгор ва осори ин шоири камшинохтаи мардумии тоҷик заҳмати зиёде кашидааст. Вай дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи мавриди назарашро тавзеҳ дода, дуруст таъкид мекунад: “Саид Холзода аз ҷумлаи шоиронест, ки ҳам дар сабки адабиёти навишторӣ ва ҳам дар сабки адабиёти гуфторӣ шеър гуфтааст”. Воқеан, дар солҳои сиюми садаи XX як гурӯҳ шоирони халқӣ мисли Ҳикмат Ризо, Ҳомид Саид, Қурбоналӣ Раҷаб ба майдони эҷод ворид шудаанд, ки онҳо асосан дар сабки шеърҳои мардумӣ эҷод мекарданд. Саид Холзодаро ҳам метавон ба ҳамин насли шоирони мардумӣ ворид кард. Дар ҳамон солҳо Саид Холзода достони маъруфаш “Ду ҳаёт”-ро ба нашр мерасонад, ки он аз тарафи аҳли адаб истиқболи гарм пайдо мекунад. Нақши достони мазкур ва силсилаи меъёрҳои лирикии шоир, ки дар сабки мардумӣ эҷод шуда буданд, Саид Холзодаро ҳамчун шоири дорои завқи салиқи хосси адабӣ муаррифӣ менамояд. Ин масъала дар боби якуми диссертатсияи Н.Самиева муфассал баррасӣ

адабӣ муаррифӣ менамояд. Ин масъала дар боби якуми диссертатсияи Н.Самиева муфассал баррасӣ шудааст. Диссертант дар баробари анвои дигари ашъори лирикии шоири мардумӣ, достонҳои ӯ "Имдоди Ленин", "Инқилоб", "Ишқи модар", "Саргузашти ҷабрдида" ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор дода, собит менамояд, ки Саид Холзода аз ибтидои фаъолияти адабию эҷодиаш ба таълифи достон майли бештар доштааст. Бояд гуфт, ки ин чизро худи воқеоти муҳимми сиёсию иҷтимоии замони зиндагии шоир низ тақозо мекард, зеро аксари шоирони касбии муосир Саид Холзода низ бештар дар жанри достон эҷод мекарданд. Ин воқеияти адабиёти тоҷикии нимаи аввали садаи XX далели он аст, ки на танҳо дар наср, балки дар назми он солҳо ҳам тафаккури ҳамосӣ нуфузи бештар доштааст. Далели ин достонҳои А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, М.Миршакар, А.Деҳотӣ ва дигарон мебошад. Ба ҳамин хотир, Н.Самиева достонҳои шоирро дар боби дуюми диссертатсия, дар фасли алоҳида муфассал баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки аксари достонҳои Саид Холзода ба мавзӯъҳои муҳимми адабиёти ҳамон солҳо, аз қабили ватандӯстӣ, сохтмони ҷомеаи нав, ободкории диёр, муборизаи мардум барои озодӣ ва ғайра бахшида шудаанд. Дар эҷоди ин навъи адабӣ шоир ҳам ба суннатҳои достонсароии адабиёти шифоҳӣ ва ҳам ба таҷрибаи шоирони касбӣ такя мекунад. Ин нуктаро диссертант дар боби сеюми диссетатсия зимни таҳқиқи муфассали хусусиятҳои адабию ҳунарии ашъори Саид Холзода собит месозад. Дар баробари баррасии шеваҳои корбасти вазну қофия ва радиф, корбурди санъатҳои бадеӣ, истифодаи шоиронаи сарватҳои забони адабии китобӣ ва мардумӣ дар ашъори шоир бо овардани шавоҳиди фаровон нишон дода мешавад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Н. Самиева ҳам аз лиҳози интихоби мавзуъ ва ҳам аз назари ба барраси кашидани маводи адабӣ таҳқиқоти комилан тозаи илмӣ дар фолклоршиносии муосири тоҷик мебошад. Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои шоистаи илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ба таври умумӣ тавзеҳ дода шудааст, ки онро бояд мушаххастар намуд.
2. Фасли чоруми боби дуюми диссертатсия (Қофия ва радиф дар ашъори шоир) ба боби сеюм гузаронида шавад, беҳтар аст.
3. Дар матни автореферат, баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро ислоҳ кардан лозим аст.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ваислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияи мазкурро кам намесозанд.

Диссертатсияи Н.Самиева "Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода" таҳқиқоти комилу баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент Додихудоев Р.М.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Сайид Носир/27
Тел: +992 107 00 01 04
2 майи соли 2024

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.
2 майи соли 2024

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир 33.
Тел: +992(37) 224-17-86, 224-83-93
E-mail:info@apa. tj